“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”,
доктори илмҳои таърих, профессор
_________ Усмонзода А.И.
“30” ___01___ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Муҳиммият ва зарурияти мавзӯи таҳқиқот**. Муҳимии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои инноватсионии омӯзгорони ояндаи фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар давраи то соли 2030, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим ба вуқуъ омаданд, коркард ва пешниҳод шудааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, ошкор ва асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар бобати баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, муайян намудани моҳият ва мазмуни технологияҳои муосири инноватсионӣ таҳлилу таҳқиқи комил пайдо кардааст. Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат мекунад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот дар асосноккунии назариявию методӣ ва аз ҷиҳати озмоиши педагогӣ муайян намудани шароитҳои татбиқи роҳҳои самаранoки таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳангоми истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳлили инноватсия дар таълими фанни

таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва роҳу усулҳои истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик, боло бурдани малака ва маҳорати инноватсионии хонандагон, ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим, ҳамгироии мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ, ҳавасмандгардонии хонандагон дар рафти дарс ва корҳои мустақилона, мунтазам тафтиш намудани сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагон муайян ва мушаххас гардонида шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар рисола амсилаи роҳ ва усулҳои гуногуни истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таълими таърихи халқи тоҷик мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ташаккули сифатҳои касбӣ ва инноватсионии омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст.

Фарзияи илмии таҳқиқотро муааллифи диссертатсия воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ - назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ замоне фароҳам меояд, ки агар татбиқи амсила (модел) - и истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик зимни ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ - психологии хонандагон ва омӯзгорони ояндаи ин фан мураттаб карда шавад; ҳамчунин дар баробари рушди инноватсионӣ ба рушди психикию маънавии хонандагон диққати махсус дода шавад; ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди маърифатии хонандагон фаъолияти зина ба зина душворшавандаи ҷӯстуҷӯии онҳо ба роҳ монда шавад; барои хонандагон дар интихоби шаклу навъҳо (вариант) - ҳои технологияҳои муосири инноватсионӣ соҳибихтиёрӣ дода шавад; мониторинги мунтазами дастовардҳои таълимии хонандагон аз фанни таърихи халқи тоҷик таъсис дода шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар давоми таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Палавонов Амоншо Муминович аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби аввали рисола: **“Асосҳои назариявии истифодаи технологияи инноватсионӣ ҳамчун механизми асосии муваффақшавӣ ба самаранокии таълими таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** масъалаҳои: моҳият ва муҳтавои технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими таърихи халқи тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; мавқеи муҳими илми педагогика ва психологияи имрӯза зимни истифодаи технологияҳои нав дар таълими фанни таърихи тоҷик; мувофиқати назарияи технологияи инноватсионии таълим ба мақсаду вазифаҳо ва методу усулҳои фаъоли таълим ҳангоми дарси фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардидаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Палавонов Амоншо Муминович оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ - назариявӣ марбут ба баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Дар боби дуюми рисола, ки ”**Роҳу воситаҳои самаранок намудани таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ**” номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи масъалаҳои: таҳия ва истифодаи навъҳои гуногуни фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарси таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ; самаранокии муҳтавои кори таҷрибавӣ - санҷишӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо ва арзёбии натиҷаҳои он бахшида шудааст.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша - барномаҳои таълимӣ - тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳил қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои ба дастомада дар таҷрибаи амалӣ дар иртибот ба рушди маҳорату малакаҳои иттилооттӣ - инноватсионӣ ва маърифатӣ - эҷодии хонандагон ва омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кумак ва мадад хоҳад расонд.

**Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ - назариявӣ ва методологии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, роҳу усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд ва аз дастовардҳои зерин иборат аст:

- роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст;
- методҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд;
- бо гузаронидани корҳои таҷрибавӣ исбот карда шудааст, ки истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ бартарии худро баръало нишон дода истодаанд;
- амсилаи истифодаи роҳҳои гуногуни технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон ва омӯзгорон роҳандозӣ гардидааст.

Дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи муосир дар самти истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар алоқамандӣ бо омодагии касбии омӯзгорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардида, алоқамандӣ ва

ҳамкории ҷузъҳои асосии омодагии омӯзгори оянда асоснок карда шуда, натиҷаи ҳамкорӣ боиси эҳё гардидани сифатҳо ва омилҳои нав собит шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович, ки дар он баррасии масъалаи баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ анҷом дода шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – "Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот" (илмҳои педагогӣ): банди 1 – "Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ" (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – "Консепсияи таҳсилот" (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – "Педагогикаи амалӣ" (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Палавонов Амоншо Муминович дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсилаи роҳҳои гуногуни гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия карда шуда, оид ба натиҷаи он хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсилаи роҳҳои мухталифи истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ бо роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар рафти дарси таърихи халқи тоҷик муайян карда шуд. Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ раванди таълимро боз ҳам пурмаҳсул мегардонанд ва дар маҷмуъ ҳавасмандии ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро ба дарс афзоиш медиҳанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои методие, ки аз тарафи унвонҷӯ пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати омода намудани хатмкунандагони қобилиятнок ҳамчун дастур, роҳнамо хидмат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳияи фанҳо ва курсҳои махсус дар системаи таълими касбии омӯзгори оянда дар факултаҳои таърих ва низоми такмили ихтисоси омӯзгорон истифода намуд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, ҷанбаҳои педагогии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ зимни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равшан ва мушаххас гардидааст.

**Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба тарви кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ, фаъолияти таҷрибавӣ - озмоишӣ оид ба мавзуъи таҳқиқот ба анҷом расидааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2016 - 2022 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ (Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон), дар асоси нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи “Шаклу усулҳои инноватсионии таълим дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити муосир” баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Дар диссертатсия муқаррар карда шудааст, ки ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии муосир дар таълими таърихи халқи тоҷик ва дар раванди он инкишоф додани фаъолияти инноватсионии хонандагон тағйир додани тамоми ҷараёни таълимро тақозо дорад. Ба ин раванд, махсусан банақшагирии раванди таълим дар асоси техологияи муосир ва муносибати босалоҳият хос мебошад. Тарзҳои мақсадгузорӣ ба шакли натиҷаи ниҳоӣ ё худ усулҳои гуногуни кор бо технологияи муосир, интихоби методҳои коркарди иттилоот дар машғулиятҳо бо истифодаи методҳои интерактивӣ, ки барои ноил шудан ба мақсади ташаккули фаъолиятҳои гуногуни хонандагон таҳия ва ба таври озмоишӣ собит гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баёншудаи унвонҷӯй Палавонов Амоншо Муминович қавӣ ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асосноканд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикррониӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мутобиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари муваффа□ият□о дар диссертатсия бархе норасоиву кабудиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Дар рисола таҳлили вазъи омодашавии омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба тариқи кофӣ мушоҳида нагардидааст. Дар ин бобат

унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои масъалаи мазкур дар партави проблемаи таҳқиқот пурратар баён намояд.

**2**. Хуб мебуд агар дар рисола оид ба таҷрибаи пешқадами мактабҳои олии кишварҳои берун аз Тоҷикистон бобати проблемаи таҳқиқ андешаронӣ мешуд.

3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

4. Дар диссертатсия баъзе фикрҳо такрор ба такрор омадааст.

Бояд зикр кард, ки камбудӣ ва костагиҳои зикршуда ҷузъӣ буда ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 32 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи **“Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ”**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Палавонов Амоншо Муминович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Пӯлотов Исмоил Маматович мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” 26 – уми январи соли 2024, протоколи №6, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Палавонов Амоншо Муминович иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 30 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 30 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” - нест,.

**Раиси ҷаласа**:
мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ________________Кучибоев Ш.И.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”, ____________________Пӯлотов И.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” __________________Мавлонова Р.М.

Имзои дотсентон Кучибоев Ш.И., Пӯлотов И.М. ва Мавлонова Р.М. - ро **тасдиқ мекунам**.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” _________________Наврӯзов Э.М.

Нишонӣ: 735700. ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков, 1;
Тел: (992-3422) 6-52-73; (+992) 92 -778-26-40.
E-mail: kuchiboev1975@mail.ru, www.hgu.tj,